Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нурализода Амрулло Назрулло ба рисолаи номзадии Саидова Ҳисния Маҳмадулоевна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ**

Бо мақсади таъмини рушди бардавоми соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ истифодаи механизми муносиби дастгирии давлатӣ муҳим арзёбӣ гардида, дар фаъолгардонии саҳми бозори хизматрасонӣ ва фаъолияти хизматрасонии иҷтимоӣ ҷиҳати устувор намудани нишондиҳандаҳои калидӣ накши муассир дорад. Дар шароити муосир масъалаи рушди соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ аҳамияти махсусро касб менамояд, зеро ислоҳоти гузаронидашудаи соҳаи иҷтимоӣ дар бештари мавридҳо имконияти гузариш ба рушди устувори иқтисодии мамлакатро муайян менамояд. Ислоҳоти соҳаҳои иҷтимоӣ дар тамоми давлатҳо ба манфиати аҳолӣ буда, бевосита ба сатҳи некуаҳволии моддӣ, истеъмол, дарозумрӣ, тарзу сифати ҳаёт ва фаъолнокии меҳнатию иҷтимоии аҳолӣ таъсир мерасонанд.

Рушди босуботи низоми хизматрасонии иҷтимоӣ яке аз ҳадафҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат буда, ба таъмини кафолатноки ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандоне равона шудааст, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор доранд. Дурнамои рушди мазкур аз ташаббускориҳову сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мегирад, ки ҳадафи асосии он "Таъмин намудани рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва бо ҳамин васила фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои ҳар як фарди ҷомеаи мо мебошад".[1]

Дар ин асос, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузоштаи давлат ва кам кардани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2013, № 446 «Консепсияи рушди низоми

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2013.

хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ шудааст. Ин консепсия бо мақсади муайян намудани афзалиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи бунёди низоми самараноки хизматрасонии иҷтимоӣ, инчунин тарзу восита ва роҳҳои марҳила ба марҳила татбиқ кардани онро муайян менамояд.

Дар раванди ташаккулёбии иқтисоди бозорӣ ва амалигардонии стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ корҳои муайян ҷиҳати дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва таъмини босифати он ба анҷом расонида шудаанд. Аммо дар баробари ин пайваста баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҳаёти аҳолии кишвар дар мадди аввал, масъалаи ба вуҷуд овардани шароити мусоидаткунандаро барои зиндагии инсон тақозо мекунад, ки дар навбати худ аз гузаронидани ислоҳот ва дар ин замина баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо дар соҳаҳои тандурустӣ ва низоми маориф ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Ҳалли ин масъалаҳо бе ҷустуҷӯ, коркард ва татбиқи ҷанбаҳои нави ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиёти бозорӣ имконнопазир мебошад, ки интихоби мавзуъи мазкур ва омӯзиши назариявӣ ва таҳқиқи амалии онро муайян ва асоснок менамояд.

Кори диссертатсионие, ки аз ҷониби Саидова Хусния Маҳмадуллоевна дар мавзӯи **«Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ»** ба анҷом расонида шудааст, барои соҳаи хизматрасонии муосир, махсусан хизматрасонии иҷтимоӣ хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад. Муаллиф ба ҳайси муҳаққиқ хуб дарк намудааст, ки таҳқиқи хизматрасонии иҷтимоӣ дар бозори хизматрасонӣ, инчунин ҷустуҷӯи ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии он дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ҳамчун фишанги муҳими пешрафти иқтисодӣ дар кишвар манфиатнок арзёбӣ мегардад.

Аз ин ҷиҳат мавзӯи интихобкардаи унвонҷӯ муҳим буда, он метавонад барои такмили механизми бозори хизматрасонӣ кӯмак расонад.

**Заминаи назариявӣ ва методоглогии таҳқиқот.** Дар рисолаи мавриди тақриз ҷиҳати ҳалли вазифаҳои гузошташуда аз ҷониби муаллиф ба роҳу равиши назариявӣ, методологӣ ва муқарароти дар илми иқтисодӣ коркард шуда, ба принсипҳои илмӣ ва консепсияҳои дар таҳқиқоти илмии олимони хориҷӣ, Россия ва олимони ватанӣ оиди ба мавзӯи таҳқиқот асос ёфтааст. Барои таҳлил ва банизомдарории истифодабарии маводи воқеӣ усулҳои таҳлили муқоисавӣ, таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, сохторӣ, таҳқиқоти бонизом, таҳлили таърихии давраи тоислоҳотӣ ва шароити

муосир, усулҳои умумисозӣ ва баҳодиҳии экспертӣ, индуксия ва дедуксия ва ғайра истифода карда шудаанд.

Методологияи тадқиқот ба истифодаи мантиқи диалектикӣ ва равиши системавӣ ба омӯзиши раванди хизматрасониҳои соҳаи иҷтимоӣ ба аҳолӣ асос ёфтааст. Асоснокии муқаррароти илмии диссертатсия аз татбиқи дурусти усулҳои муайяни тадқиқот, аз ҷумла, диалектикии идрок, мантиқӣ, иқтисодӣ – оморӣ, аналитикӣ, эконометрикӣ низ бармеоянд.

**Навгонии илмии тадқиқот** дар исботи самтҳои такмили соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоии тандурустӣ ва соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ зоҳир мегардад.

Дар рафти тадқиқоти диссертатсионӣ муаммои муҳими илмӣ оид ба ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва тавсияҳои амалӣ дар самти такмили соҳаи хизматрасонӣ, инчунин роҳҳои баландбардории сифати хизматрсаноии иҷтимоӣ ҳалли худро ёфтааст, ки навоварии илмии тадқиқоти мазкурро ғанӣ мегардонад.

Саҳми шахсии Саидова Ҳ.М. дар ҳалли муаммоҳои илмии доири такмили хизматрасонии иҷтимоӣ дар натиҷаҳои зайл инъикос ёфтааст:

✓ дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ, тавзеҳи муаллифии мафҳуми хизматрасонии иҷтимоӣ пешниҳод карда шуда, алоқамандии он бо маблағгузории сармояи инсонӣ ошкор карда шуд, нақши соҳаи хизмат-расониҳои иҷтимоӣ дар мукаммалгардонии раванди ташаккулёбии сармояи инсонӣ ва муҳиммияти он барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият муайян карда шуд;

✓ таъсири чораҳои ба самти танзими тақозо ва арзаи хизматҳои тиббӣ нигаронидашуда дар ҳолати гузаронидани ислоҳоти соҳаи тандурустӣ омӯхта шуда, хусусиятҳои рушди хизматрасонии тандурустӣ муайян карда шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин хизматҳо асосан хизматҳои статсионарӣ буда, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дода шудааст, ки хизматрасониҳои амбулаторӣ метавонанд барои кам гардидани хизматрасониҳои статсионарӣ мусоидат расонанд;

✓ мушкилоти хизматрасониҳои соҳаи маорифи таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян карда шуд, ки бештар дар паст будани сифати хизматрасонӣ, вобаста ба талаботи бозори меҳнат тайёр накардани кадрҳо, номувофиқ будани омодасозии кадрӣ ва тақозо ба кадрҳо аён мегардад;

✓ хусусиятҳои рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ошкор карда шуда, муайян карда шудааст, ки барномаи

кафолати давлатӣ ҳуҷҷати муҳим барои рушди соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои тиббӣ мебошад ва чандирии тақозо ва арзаи хизматрасониҳои тиббӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян карда шудааст;

✓ самтҳои ояндаи рушди хизматрасониҳои тандурустӣ ҳамчун стандарти минималии иҷтимоии тандурустӣ ва чораҳо барои баландбардории самаранокии хизматрасониҳои тиббии аввалия ба воситаи афзоиши тақозои аҳолӣ ба он пешниҳод карда шуда, муайян карда шуд, ки хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои беҳтарсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум таъсири мусбӣ мерасонанд;

✓ роҳҳои мукаммалгардонии самаранокии соҳаи хизматрасонии маорифи муассисаҳои олии касбӣ пешниҳод карда шуд, ки: устувор гардонидани раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

✓ мутобиқнамоии барномаҳои таълимӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ; воридшавии маорифи таҳсилоти олии касбӣ ба бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои маорифро дар бар мегирад.

Муҳаққиқ бо назардошти муҳимият ва мураккабии муаммои тадқиқшаванда, мувофиқан мақсад ва вазифаҳои тадқиқотро дар робита ба коркарди масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ таъсис дода, бо мақсади кам паст намудани сатҳи камбизотӣ, бо ҷои кор таъмин гардидани мутахассисони соҳибкасб ва муваффақ гаштан ба рушди устувори иқтисодиёт, мувозинати омодакунии мутахассисонро вобаста ба талаботи бозори меҳнат мувофиқи мақсад мешуморад.

Сохт ва таркиби рисолаи диссертатсионӣ ба мақсади асосӣ мувофиқ буда, бе восита аз вазифаҳои муайяншуда бар меояд ва мантиқи ҷараёни тадқиқотро инъикос мекунад. Рисолаи диссертатсионӣ аз сарсухан, се боб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат аст.

Дар сарсухан муаллиф ҷиҳатҳои актуалӣ будани мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқотро асоснок гардонида, дараҷаи коркард ва навоварии онро нишон додааст (саҳ. 3-14).

Боби аввали рисола **«Асосҳои назариявии таҳқиқоти соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ»** унвон гирифта, се зербобро дар бар мегирад.

Дар рисола қайд мегардад, ки дар баробари гузариш ба зинаи сифатан нави рушди таърихии ҷаҳонӣ, аз нимаи дуюми асри XX тағйироти назаррас дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба вуҷуд меояд. Арзишҳои нав ташаккул меёбанд, талаботҳои дигар пайдо мегарданд, ки ба гардиши назарияи иқтисодӣ ба «андозагирии инсонӣ» ҳаёти ҷомеа

мусоидат менамояд ва талаботи инсонро ба маркази низоми иқтисодӣ равона месозад (саҳ. 17).

Муаллиф дар тадқиқот дар заминаи омӯзиши нуқтаҳои назарҳои мавҷуда дар адабиёти иқтисодӣ муқаррар менамояд, ки бо ворид гардидани иқтисоди ҷаҳонӣ ба сатҳи баъдисаноатӣ, қисми зиёди ММД аз ҳисоби соҳаи хизматрасонӣ ташкил дода мешавад ва дар ин соҳа шуғли бештар мушоҳида мегардад. Аммо, бояд қайд намуд, ки ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам назаррас нест. Вале дар давлатҳои дигар ин соҳа сол то сол вусъат ёфта истодааст. Масалан, дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта шуғл дар соҳаи хизматрасонӣ дар ИМА 73%-ро ташкил медод (Дар тӯли сад сол дар ИМА шумораи кормандон дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ аз соли 1870 то 1969 4,7 маротиба афзоиш ёфтааст ва дар соҳаи истеҳсолоти ғайримоддӣ ва хизматрасонӣ 29,7 маротиба зиёд гашта, аз 0,6 то 17,6 млн. нафар расидааст) (Саҳ. 22).

Ба ақидаи муаллиф, ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ чунин хизматҳое дохил мешаванд, ки дар соҳаҳои муайян амалӣ гардонида мешаванд, аз ҷумла: таъминоти иҷтимоӣ, тандурустӣ, фарҳанг, илм, маориф ва ғайра. Хизматрасониҳои иҷтимоӣ набояд бо соҳаҳо алоқаманд бошанд. Зеро миқдори ин соҳаҳо аниқ нест. Ин хизматҳо бояд вобаста ба талаботи қонунгузорӣ ба аҳолӣ расонида шаванд. Моҳияти хизматрасониҳои иҷтимоиро дар маънои васеъ аз нуқтаи назари нақши он дар ташаккулёбии сармояи инсонӣ муайян намудан мумкин аст (Саҳ. 25).

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки хизматрасониҳои иҷтимоӣ яке аз самтҳои афзалиятноки хоҷагидорӣ дар шароити муосир мебошанд, зеро ин хизматҳо барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамоянд. Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва соҳаҳои асосии ифодакунандаи он, яъне маориф, тандурустӣ ва фарҳанг хизматҳоеро ба аҳолӣ пешниҳод менамоянд, ки аҳолӣ бе истифодабарии онҳо дар шароити муосир фаъолият намуда наметавонанд (Саҳ. 29).

Асоси объективии мавҷудияти соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун соҳаи мустақил мавҷудияти муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон оид ба қонеъсозии талаботҳо ба хизматрасониҳо мебошад. Дар ин асос, муалиф қайд менамояд, ки соҳаи хизматрасонии иҷтимоиро ҳамчун соҳаи бозтавлиди сармояи инсонии барои афзоиши самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ шароит фароҳамоваранда муайян намудан мумкин аст (Саҳ.45).

Муаллиф дар таҳқиқот қайд намудааст, ки аз рӯйи методологияи пешниҳоднамудаи Бонки ҷаҳонӣ оид ба баҳодиҳии сарвати миллӣ, ҳиссаи

сармояи инсонӣ соли 1994 ба ҳисоби миёна дар минтақаҳои ҷаҳон, ки ба он 22 давлат ворид гардида буд, 64%-и сарвати миллиро ташкил додааст. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити муосир омили асосии истеҳсолот – ин андӯхти илму дониш, таҷриба, малакаю маҳорат, солимӣ ва дигар тавсифдиҳандаҳои сифати зиндагии аҳолӣ мебошад, ки барои нигоҳдории онҳо ҳамасола дар ҷаҳон тақрибан 15-20 триллион доллари ИМА сарф мегардад. Тараққиёти давлатҳои абарқудрати ҷаҳон аввал ба ташаккулёбии иқтисодиёти баъдисаноатӣ ва баъдан ба иқтисоди нав-иқтисодиёти илм, навоварӣ, низоми иттилоотии глобалӣ, иқтисодиёти меҳнати ақлонӣ, технологияи нав ва бизнеси технологии венчурӣ оварда расонд. Асоси иқтисоди навро андӯхти сармояи инсонӣ ташкил медиҳад, ки омили асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъияти муосир ба ҳисоб меравад (Саҳ. 50).

Дар диссертатсияи оварда шудааст, ки аз ҳама самти афзалиятноки маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ ин маблағгузорӣ ба соҳаҳои тандурустӣ ва маориф мебошад. Дар шароити муосир аллакай мусаллам аст, ки тақдири ояндаи на танҳо шахси алоҳида, балки ин ё он давлат аз сатҳи маълумотнокӣ (маориф) ва ҳолати солимии аҳолӣ вобаста мебошад. Аз рӯйи як қатор маълумотҳо ва баҳодиҳии мавҷуд буда, дар давлатҳои тараққикарда 60%-и даромади миллӣ аз ҳисоби дониш ва маълумотнокии ҷамъият сурат мегирад (Саҳ. 54-55).

Аз лиҳоз, мақоми соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир хеле муҳим гардидааст, чунки тавассути рушди ин соҳаҳо солимии ҷамъият таъмин карда шуда, сатҳи маълумотнокии онҳо баланд бардошта шуда, мутахассисони баландихтисос омода карда мешаванд, ки дар ташаккулёбии сармояи инсонӣ, ворид гардидани навоварӣ дар иқтисод ва тараққиёти иқтисодии ҷамъият дар шароити муосир мусоидат менамоянд.

Боби дуюми рисола «**Хусусиятҳои соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ**» ном дорад, ки дар он таҳлили вазъи соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои рушди соҳаи хизматрасонии тандурустӣ дар шароити муосир ва вазъи хизматрасонии соҳаи маорифи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифта, вазъи кунунии соҳаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ ассоснок карда шудааст.

Дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ яке аз самтҳои сиёсати иқтисодии давлат тараққӣ додани соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ мебошад, ки аз самти иҷтимоӣ-иқтисодии пешгирифтаи

сиёсати давлатро барои дурнамо ифода менамояд. Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ дар истеҳсоли ММД хеле зиёд мебошад. Масалан: дар ИМА - 73,4%, Россия - 68,6% ва дар Тоҷикистон - 41,2% -и ММД-ро соҳаи хизматрасонӣ ташкил медиҳад. Зиёд будани ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ дар истеҳсоли ММД аз дараҷаи рушди соҳаҳои хизматрасонӣ ва мавҷуд будани шумораи зиёди истифодабарандагони ин хизматҳо шаҳодат медиҳад (Саҳ. 63, 66).

Дар диссертатсияи қайд гардидааст, ки ҳаҷми хизматрасониҳои иҷтимоӣ сол то сол афзоиш ёфта, дар 13 соли охир зиёда аз 9,5 маротиба афзоиш ёфтааст. Ин нишондод аз он шаҳодат медиҳад, ки дар асоси зина ба зина мӯътадил гардидани вазъи иқтисодии фаъолияти муассисаҳое ки хизматҳои иҷтимоӣ мерасонанд, низ устувор гардида истодааст. Дар рушди соҳаи хизматрасонӣ соҳаҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ зарур, ба монандӣ маориф ва тандурустӣ афзоиши назаррас доранд. Дар соли 2005 хизматрасониҳои соҳаи маориф дар ҳаҷми умумии соҳаи хизматрасонӣ 40,4%-ро ташкил медод ва ин нишондиҳанда дар соли 2018то 73,2%-и ҳиссаи соҳаи хизматрасониро ташкил медиҳад (Саҳ. 71).

Муаллиф қайд менамояд, ки вазъи расонидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз рӯйи моликият дар иқтисодиёти Тоҷикистон дар солҳои охир аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар секторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҷунбишҳои назаррас дар шаклҳои гуногуни хизматрасонӣ мушоҳида мегарданд. Дар сектори давлатӣ солҳои 2000-2018 расонидани хизматҳои иҷтимоӣ дар соҳаи тандурустӣ 46 маротиба, соҳаи маориф 79 маротиба ва фарҳанг 85 маротиба нисбати сектори ғайридавлатӣ зиёд мебошад. Рушди иқтисодӣ ва устувории минбаъда имкон дод, ки сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2019 то 27,5% паст гардад. Аз ин ҷо хулоса намудан мумкин аст, ки рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сифати хизматрасонӣ ба пастшавии сатҳи камбизоатӣ дар шароити муосир оварда мерасонад (Саҳ. 75).

Соҳаи тандурустӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ мебошад, аммо дар айни замон, нақши афзояндаи хизматрасониҳо дар ҷомеа имконият медиҳад, ки ба соҳаи тандурустӣ чун қисми махсуси бахши хизматрасонӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Ба ақидаи муаллиф, яке аз соҳаҳои муҳим барои тараққиёти бомуваффақияти ҳамаи давлатҳо ин соҳаи тандурустӣ ба ҳисоб меравад. Дар айни замон системаи тандурустии Тоҷикистон дар ҳолати модернизатсия қарор дорад, ҳамзамон рушд ва амалнамоии системаҳои минтақавии тандурустӣ бо вуҷуд доштани ҳолатҳои буҳронӣ тавсиф дода мешавад. Дар тӯли солҳои

истиқлолият дар асоси гузаронидани ислоҳоти иқтисодии мамлакат дар соҳаи тандурустӣ низ тағйироти сохторӣ ба вуҷуд омадааст. Новобаста ба кӯшишҳои давлат суръати афзоиши соҳаи тандурустӣ, ҳамчун асоси рушди инсонӣ ва маҳаки муайянкунандаи индекси рушди инсонӣ суст ба назар мерасад. Афзоиши шумораи аҳолӣ ва тағйирёбии иқлим ҳамасола талаботи аҳолиро ба хизматрасониҳои тандурустӣ зиёд менамояд (Саҳ. 77-78).

Аз тарафи муаллифи диссертатсия барои формулаи ҳисобии стандарти минималии маблағгузории буҷавии соҳаи тандурустӣ, пешниҳод гардидааст, ки тавассути он, бояд ҳамасола вобаста ба афзоиши музди кори нақшавӣ ва сатҳи таваррум муқаррар карда шавад. Қайд гардидааст, ки ҳисоби стандарти минималии маблағгузории буҷавӣ ба меъёрҳои соли гузашта асос меёбад, ки бо дарназардошти пешгӯйии афзоиши музди кор ва таваррум тартиб дода мешавад (Саҳ. 89).

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки пеш аз ҳама дар кишварҳои рӯ ба инкишоф, манбаи асосии рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳсилоти миллат аст. Сармоягузорӣ ба иқтисодиёте, ки аҳолии он дорои сатҳи пасти таҳсилот ё таҳсилоти ба талаботи замон ҷавобгӯ набуда мебошад, танҳо ба бунёди истеҳсолоти аз ҷиҳати технологӣ камсамару қафомонда, қафомонии ҳар чӣ бештари кишвар аз тамоюлоти ҷаҳонии рушди иқтисодиёти донишмеҳвар мусоидат менамояд (Саҳ. 94).

Муаллиф қайд менамояд, ки дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ маориф мавқеи муҳимро доро мебошад, ки ба афзоиши сифати захираҳои меҳнатӣ, афзоиши маълумотнокӣ ва иқтидори зеҳнии ҷамъият равона карда шудааст. Дар шароити муосир барои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии бомуваффақияти ҷамъият, қувваи кории сифати баланддошта тақозо мегардад, ки дорои сатҳи баланди маълумотнокӣ ва касбият бошад (Саҳ. 96).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ҳамгироии соҳаи маориф бо низоми таҳсилоти олии давлатҳои дигар оғоз гардида, 10 соли охир идома дорад. Ҳамгироии соҳаи маориф барои шомил гардидани ҷумҳурӣ ба Конвенсияи Лиссабон оид ба эътирофи касбият мусоидат менамояд, ки ба низоми маорифи Аврупо алоқаманд буда, аз 11 апрели соли 1997 амал намуда, эътирофи дигар созишномаҳои байналмилалӣ ва байнидавлатиро дар самти баробарарзиш донистани ҳуҷҷатҳои маълумоти олӣ тақозо менамояд. Айни замон Тоҷикистон ба қарордоди Болония дохил шудааст ва пайваста низоми таҳсилоти маорифи мактабҳои таҳсилоти олии кишварро ба ин раванд мутобиқ намуда истодааст. Дар аввал якчанд

донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ҳамчун донишгоҳҳои санҷишӣ ба ин низом, яъне низоми таҳсилоти кредитӣ рӯ оварданд ва то соли 2015 тамоми донишгоҳҳо ва ихтисосҳо ба ин низом гузаштанд (Саҳ. 105).

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки рушди соҳаи маориф ва хизматрасониҳои соҳаи маориф дар ҳамон маврид суръат мегирад, агар ҳайати профессорӣ-омӯзгории донишгоҳҳо барои баланд бардоштани сифати раванди таълим ҳавасманд бошанд. Бинобар ин, тибқи таҳлилҳо музди кори миёнаи кормандони соҳаи маориф гарчанде нисбати соли 2011 аз 316,96 сомонӣ то 892,02 сомонӣ афзоиш ёфта бошад ҳам, ҳанӯз аз сатҳи музди кори миёнаи кормандони дигар соҳаҳо дар ҷумҳурӣ камтар мебошад. Сатҳи пасти музди кор дар соҳаи маориф сифати таълим ва омода намудани кадрҳоро паст менамояд. Аз ин рӯ, ба ақидаи муаллиф, бояд зина ба зина музди кори кормандони соҳаи маориф боло бурда шавад (Саҳ. 106).

Дар боби сеюм **«Роҳҳои баландбардории сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир»** дар заминаи муайянсозии мушкилоти калидии соҳа роҳҳои мукаммалгардонии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир, мукаммалгардонии хизматрасонӣ дар соҳаҳои тандурустӣ ва маорифи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо пешниҳод гардидаанд.

Дар шароити муосир ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузоштаи давлат ва кам кардани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2013, № 446 «Консепсияи рушди низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ шудааст. Ин консепсия бо мақсади муайян намудани афзалиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи бунёди низоми самараноки хизматрасонии иҷтимоӣ, инчунин тарзу восита ва роҳҳои марҳила ба марҳила татбиқ кардани онро муайян менамояд (Саҳ. 113).

Дар диссертатсияи аз тарафи муаллиф SWOT-таҳлили соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст, ки дар он тарафҳои устувор, заиф, имкониятҳо ва хатарҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки самтҳои устувори хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои рушди он дар мамлакат мавҷуд мебошанд, ки дар сурати истифодабарии онҳо соҳаи мазкур метавонад барои беҳтар гардидани сифати хизматҳои соҳаи маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ замина гузорад (Саҳ. 122).

Дар низоми хизматрасонии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ислоҳоти маориф тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ корҳои назаррасе бо мақсади дигаргунсозии низоми маориф ва рушди ояндаи он анҷом дода шудаанд. Ҳамзамон дар замони имрӯза масъалаи муҳим паст будани сифати таҳсилот, аз меъёр зиёд будани захираҳои кадрӣ, паҳн гардидани хизматрасониҳои гаронарзиши пулакии соҳаи маориф, ки барои қисмати зиёди аҳолӣ дастнорас мебошанд, боқӣ мемонад. Дар шароити имрӯза ислоҳоти соҳаи маориф бояд нақши муҳимро дар ташаккулёбии сармояи инсонии мамлакат иҷро намояд. Дар ин самт аз тарафи муаллиф пешниҳод карда мешавад, ки зина ба зина таҳсилоти якуми олӣ пурра бо маблағгузории давлатӣ бо дарназардошти фармоиши давлатӣ ба кадрҳо ба роҳ монда шавад. Ин имкон медиҳад, ки мутахассисони дипломдори соҳибкасб омода гардида, дар истеҳсолот истифода гарданд. (Саҳ. 143-144).

Дар диссертатсияи қайд гардидааст, ки донишгоҳҳои давлатӣ бояд алоқамандии худро бо корхонаҳои мамлакат ба роҳ монанд. Имрӯз бояд донишгоҳҳо вобаста ба фармоиши корфармо (корхонаҳо) кадр тайёр намоянд. Аз сабаби бе таҳлили бозори меҳнат омода намудани кадрҳо арзаи мутахассисони дипломдор дар бисёр соҳаҳо аз тақозо ба он зиёд аст. Ин ҳолат ба афзоиши бекорӣ ва ба хориҷа рафтани як қисми мутахассисон мегардад (Саҳ. 147).

Ҳаҷми маорифи таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон на он қадар калон буда, фарогирӣ ба таҳсилоти олӣ тақрибан 18% аҳолии синну соли мувофиқро ташкил медиҳад, ки 2,5 маротиба аз давлатҳои рӯбатараққии Аврупо ва Осиёи Марказӣ кам мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нобаробарии тақсимоти донишҷӯён вобаста ба ихтисосҳо мушоҳида карда мешавад, ки 52% ба ихтисосҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва 16% ба илмҳои табиатшиносӣ рост меояд. Донишҷӯёни ихтисосҳои муҳандисӣ ва сохтмон ҳамагӣ 15%-и шумораи умумии донишҷӯёнро ташкил медиҳанд. Бо дарназардошти норасоии кадрҳои педагогӣ ихтисоси омӯзгорро ҳамагӣ 5% донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ интихоб намудаанд. Ҳамин тариқ, гарчанде ки Тоҷикистон давлати аграрӣ ҳам бошад, ҳамагӣ 3% донишҷӯён дар ихтисосҳои аграрӣ таҳсил менамоянд (Саҳ. 149).

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили вазъи муосири соҳаи маориф, самтҳои афзалиятноки рушди хизматрасониҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки сатҳи хизматрасониҳои маориф дар ҷумҳурӣ новобаста ба чораҳои

андешидаистода ва гузаронидани ислоҳот дар ин соҳа беҳбудиро талаб менамояд. Ҳанӯз ҳам, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бе омӯзиши бозори меҳнат фаъолияти омодасозии кадрҳоро ба роҳ мемонанд, ки ба афзоиши бекорӣ ва паст шудани нуфузи таҳсилоти олӣ дар мамлакат гардидааст. Бозори меҳнати муосир хатмкунандагони зиёдро аз рӯйи ихтисоси гирифтаашон бо ҷойи кор таъмин намуда наметавонад. Дар натиҷа, низоми таҳсилоти олӣ беқурб мегардад, сифати он паст мегардад.

Дар интиҳои рисола муаллиф андешаҳояшро доир ба ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ҷамъбаст менамояд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ.** Тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он гузаронида шудааст.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ назариявӣ, семинарҳои илмии ДМТ ва конференсияҳои байналмилалии солҳои 2013-2019 маърӯза шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Доир ба мавзӯи кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 18 мақола дар ҳаҷми 6 ҷ.ч. нашр шудааст, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд.

**Соҳаи таҳқиқот.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ, бандҳои 1.1. Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; давраҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ; амали ҳамзамони қувваҳои истеҳсолкунанда, шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохтори ниҳодӣ; назарияи механизми хоҷагидорӣ ва инкишофи он: усул (принсипҳо), тамоюлҳо ва вижагиҳо; қонуниятҳои таҳаввулоти низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; нақш ва вазифаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар амалкарди системаҳои иқтисодӣ; 1.2. Назарияи микроиқтисод: назарияи тақозои истеъмолӣ; назарияи ташкилии бозорҳо; назарияи иқтисодиёти некуаҳволӣ; алоқамандии некуаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ мутобиқат менамояд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии кор дар он таҷассум меёбад, ки муқаррароти назариявӣ-методологии диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии вазорату идораҳои дахлдор ҳангоми

мукаммалгардонии сиёсати иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ дар соҳаи тандурустӣ ва маорифи таҳсилоти олии касбӣ истифода шуда метавонанд. Натиҷаи таҳқиқоти иҷрогардида метавонад ҳангоми пешбурди таҳқиқоти илмӣ оид ба афзоиши самаранокии соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ истифода шавад.

Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодгардида аз ҷониби диссертант, ба фикри мо, имкон медиҳанд, ки моҳиятан самаранокии хизматрасонии иҷтимоии мамлакат, инчунин натиҷанокии бозори хизматрасонӣ баланд бардошта шуда, дар ин замина ба раванди муосири рушди низоми иҷтимоӣ ва иқтисодиёти кишвар дар маҷмӯъ таъсири мусбӣ расонад.

Бояд қайд кард, ки рисола дар пояи устувори илмӣ – назариявӣ таълиф гардида, муаллиф дар таълифи он заҳмати зиёдеро ба харҷ додааст. Аммо, баробари комёбиҳои назаррас, дар рисола баъзе норавшаниҳо, камбудиҳо ва нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар боби якуми диссертатсия, ки ба масъалаҳои назариявии омузиши хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст, хуб мешуд муаллиф аз натиҷаи татқиқоти олимони ватанӣ низ иқтибос меовард.

2. Агар муаллиф ба масъалаи рушди соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ махсусан соҳаи тандурустӣ, маориф ва фарҳанг ҳолати имруза ва дурнамои онро таҳлил менамуд сифати кор бехтар мегардид.

3. Дар охири ҳар як зербобҳо дарҷ гардидани хулоса ва гузариш ба зербоби нав ба манфиати кор мебошад.

4. Ному насаби олимон ба як шакл навишта шаванд (саҳ. 32, ҷад. 1.2.1).

5. Дар манбаъ ё сарчашмаҳое, ки зери расмҳо ё ҷадвалҳо оварда шудаанд дар баъзе аз онҳо «Таҳияи муаллиф» ва дар ҷойи дигар «Коркарди муаллиф» навишта шудааст. Хуб мешуд, ки агар яке аз ин услуби навишт истифода мегардид.

6. Мазмуни баъзе аз расмҳои дар диссертатсия овардашуда ниҳоят кам шарҳ дода шудааст, масалан саҳ. 43, расми 1.2.2.

7. Натиҷаи ҳисоби муқоисавии ҷадвали 2.1.2 таҷдиди назарро талаб менамояд, зеро қатъи назар аз он ки маълумоти то соли 2019 истифода гардидааст. Агар муаллиф дар рисола сабабҳои тағйирёбии ин нишондиҳандаҳоро таҳлил менамуд сифати кор беҳтар мегардид.

8. Дар саҳифаи 71 ақидаи олими ватанӣ профессор Умаров Ҳ.У. қайд гардидааст, вале иқтибос оварда нашудааст.

Дар маҷмӯъ, қайд кардан ҷоиз аст, ки камбудиҳои ҷойдошта баҳои умумии мусбии диссертатсия ва аҳамияти тадқиқотро коҳиш намедиҳад. Автореферат ва интишороти муаллиф таркиби рисолаи анҷомдодаро

пурра нишон медиҳанд. Рисолаи номзадии Саидова Хусния Маҳмадуллоевна дар мавзӯи **«Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**н.и.и., дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Нурализода А.Н.**

**Имзои А.Н. Нурализодаро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Раҷабов Б.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, Тел: (992) 231-08-43.**